# ТАҚРИЗ

**ба фишурдаи диссертатсияи Алимов Фирдавс Худойдодович дар мавзуи “Таҳлили сохторӣ-маъноӣ ва этимологии истилоҳоти тарҷумашиносӣ дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) пешниҳод шудааст.**

Дар нимаи дуюми асри бистум бозингарии фаъолияти тарҷума, ки ба гузаштаи дур рост меояд, ба дараҷае расид, ки боиси ба вуҷуд омадани як фанни мустақили илмӣ гардид, ки бо номи назарияи тарҷума, илми тарҷума ё тарҷумашиносий машҳур гардид. Тарҷумашиносӣ бо суръати баланд инкишоф ёфта, дар як муддати кӯтоҳ ҳамчун бахши мустақили илми забоншиносӣ дорои объекти омӯзиши худ гардид. Илова бар ин, тарҷумашинсӣ дастгоҳи истилоҳии худро низ ба вуҷуд овард, ки пайваста васеъ мегардад. Аз ин рӯ, маҳз ҳамин омили экстралингвистӣ аҳаммияти диссертатсияи мазкурро муайян мекунад.

Муаллиф дар боби аввал асосҳои назариявиии истилоҳоти соҳаро таҳлил намуда, таъкид менамояд, ки дар баробари рушди босуръати илми тарчумашиносй хамчун як бахши илм дар забоншиносӣ, истилоҳоти наве рӯйи кор омадаанд, ки дар раванди амалигардонии фаъолияти тарҷума ба маврид истифода мешаванд.

Қобили қайд аст, ки яке аз асоситарин хусусиятҳои истилоҳот аз он иборат мебошанд, ки онҳо ба соҳаи муайяну мушаххас тааллуқ доранд. Рушди семантикӣ имкон медиҳад, то як зумра истилоҳоту мафҳумҳо дар ҳолатҳои гуногун истифода шуда, дар бахшҳои дигари фаъолияти халқҳо дорои муродифот гарданд, ки дар ин замина падидаи синонимияи истилоҳот ба вуҷуд меояд. Аз ин лиҳоз омӯзиши истилоҳоти самти тарҷумашиносии забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ аҳаммияти вижаи илмӣ дорад.

Ба ақидаи муаллифи диссертатсия истилоҳоти ин самт ба низомсозӣ ва тавсифу таҳлил ниёз дорад. Бояд зикр кард, ки ба истилоҳоти асосие, ки

чаҳорчӯбаи системаи истилоҳотро ташкил медиҳанд, таваҷҷӯҳи махсус дода мешавад.

Муаллиф дар **боби аввал** вазъи имрӯзаи тарҷумашиносиро тавассути истилоҳоте, ки вазъи воқеии корбурди истилоҳоти самти мазкурро инъикос мекунанд, мавриди баррасӣ қарор додааст, то ин ки дар асоси он дастгоҳи истилоҳотиро омода ва пешкаш намояд.

Дар **боби дуюм** ба таҳлили сохториву маъноии истилоҳоти тарҷумашиносии забонҳои таҳқиқшаванда бахшида шудааст.

Таҳлилу баррасии амиқу ҷолиби диққат, ки аз ҷониби муаллифи диссертатсия рӯйи сафҳа оварда шудааст дар ин боб, имкон фароҳам овардааст, то тафовут ва монандии ин қишри лексикӣ аз лиҳози муқоисавӣ омухта шуда, дар шакли оморӣ натиҷаҳои он нишон дода шаванд.

Дар ин боб тамоми усулҳои калимасозӣ мавриди таҳлили амиқу дақиқ қарор гирифтанд. Инчунин, амсилаҳои истилоҳҳои бисёркомпонентӣ дар шакли формулаҳо таҳлил карда шуда, полисемияи истилоҳоти соҳа, ки ҳамчун аломати манфии истилоҳот ва дигар равандҳои лексикӣ-маъноӣ маҳсуб мешавад, ба таҳлил расад.

Дар **боби сеюм** таҳлили этимологии истилохоти асосии тарчума дар асоси сарчашмаҳои лексикографӣ оварда шудааст.

Таҳлили этимологии истилоҳоти тарҷумашиносӣ ба муаллиф имкон додааст, то истилоҳоти баромадашон аслро муайян намуда, роҳҳои вижаи иқтибосшавии вожаҳоро ба забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ муайян намояд.

Фишурдаи диссертатсияи илмии Алимов Фирдавс Худойдодович дар асоси меъёрҳои нави илмӣ таҳия гардидааст. Тарзу усули иқтибос, таҳияи бобу фасл, хулоса тибқи талаботи стандартҳои муосири таълифи таҳқиқоти илмӣ ба роҳ монда шудааст.

Дар баробари дастоварду комёбиҳо дар автореферати дисертатсия баъзе камбудиву норасоиҳо низ вуҷуд доранд:

1.Хуб мешуд агар муаллиф тавсифи силсилаи синонимҳорро таҳлил намуда, раванди густариши маъноии истилоҳотро дар фишурда нишон медод;

2. Тавсифи муфассали хусусиятҳои лексикӣ ва семантикии антонимҳо ба фоидаи кор мешуд;

3. Дар автореферати дисертатсия баъзе хатоҳои техникӣ ҷой доранд, ки ислоҳпазиранд.

Дар маҷмуъ, камбудиҳои ишорашуда ба аҳаммияти таҳқиқи анҷомдодашуда таъсири манфӣ нахоҳад расонд.

Автореферати дисертатсия бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ мазмуну мундариҷаи корро пурра инъикос мекунад ва мақолаҳои таълифнамудаи муаллиф низ ба талабот ҷавобгӯ аст.

Дар умум, таҳқиқи диссертатсионии Алимов Фирдавс Худойдодович дар мавзуи «Таҳлили сохторӣ-маъноӣ ва этимологии истилоҳоти тарҷумашиносӣ дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ» кори илмии бaанҷомрасида буда, ба талаботи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267 ба тасвиб расидааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) мебошад.

**Муқарриз:** номзади илми филология,
дотсенти кафедраи забонҳои
Донишгоҳи давлатии Москва
ба номи М.В.Ломоносов
дар шаҳри Душанбе Сабирова Сановбар Ғаниевна

**Нишонӣ:** 734002, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, кӯчаи Бохтар, 35/1.
Сомона: www. msu.tj; E-mail: ssanovbar@mail.ru
Тел.: (+992) 935823202

Имзои Сабирова С.Ғ. -ро тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи сиёсати кадрӣ ва корҳои махсуси ДДМ ба номи М.В.Ломоносов
дар шаҳри Душанбе Пирназаров С.М.

«15» январи соли 2024.